ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО ОИД БА ИҶРОИ ДАСТУРУ СУПОРИШҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН, КИ ДАР МУЛОҚОТ БО АҲЛИ ИЛМ ВА МАОРИФИ КИШВАР 30-ЮМИ МАЙИ СОЛИ 2024 БАЁН ДОШТАНД

Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар 30-юми майи соли 2024 баён доштанд. Душанбе, 2024, 10 саҳ

Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 июли соли 2024, № 772 тасдиқ шудааст.

Нақшаи чорабиниҳо
оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар
30-юми майи соли 2024 баён доштанд

| Р/т | Номгӯйи чорабиниҳо | Муҳлати иҷро | Иҷрокунанда |
|---|---|---|---|
| 1. | Таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии дурусти дастовардҳои илмӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ ва истифодаи натиҷаҳои он дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа (банди 1 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 2 | Баланд бардоштани нақши илми ватанӣ дар ташаккулёбии маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар (банди 2 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 3 | Назорати иҷрои сифатноки ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии соҳаи илм (банди 3 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 4 | Дар ҳамкорӣ бо комиссияи босалоҳият мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор додани фаъолияти зерсохторҳои Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ, аз ҷумла иншоот ва заминҳои аз даврони гузашта дар тавозуни ин муассисаҳо боқимонда ва таҷдиди сохтор намудани онҳо (банди 5 нақшаи ҳукуматӣ) | Октябри соли 2024 | Раёсати илм ва инноватсия, шуъбаи маркетинг, моликият ва хариди давлатӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 5 | Таҳияи санади дахлдор оид ба меъёрҳои арзёбӣ кардани самаранокии фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва маҳсулнокии илмии кормандони он (банди 7 нақшаи ҳукуматӣ) | Октябри соли 2024 | Раёсати илм ва инноватсия, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 6 | Мусоидат дар таҳияи санадҳои зерқонунӣ, бунёди зерсохтори зарурӣ, коркарди роҳу воситаҳои татбиқи самарабахши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмиву техникӣ» (банди 9 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ |
| 7 | Тақвият бахшидани ҳамкории муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ бо соҳибкорон, шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, ҷорӣ намудани механизми тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва навовариҳо, таъмини алоқаи байнисоҳавӣ дар пешбурди таҳқиқот дар асоси талаботи бозор ва бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ таъсис додани Маркази тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ дар назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (банди 10 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2024-2029 | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон |
| 8 | Андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати бештар тайёр кардани олимони ҷавон аз рӯйи ихтисосҳои зилзилашиносӣ, энергетика, геология, меъморӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, металлургия, биологияи молекулӣ, генетика, селексия, биотехнология, биохимия, экология, вирусология, иммунология, генетикаи тиббӣ, мантиқ ва методологияи илм, сотсиология, ҳуқуқи байналмилалӣ, таърих, назарияи забоншиносӣ, демография, ҷуғрофия ва ҷомеашиносӣ (банди 11 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 9 | Ба роҳ мондани мактаби устоду шогирд дар ҳамаи муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти касбӣ (банди 12 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 10 | Ислоҳи камбудиҳо дар муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти касбӣ (банди 13 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 11 | Хотима бахшидани фориғболиву бемасъулиятӣ, хусумати шахсӣ, рӯйихотирбинӣ, нотавонбинӣ нисбат ба якдигар ва рақобати носолим миёни роҳбарони муассисаҳо ва роҳбарони илмии унвонҷӯён (банди 14 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 12 | Баланд бардоштани мавқеи шаҳрвандӣ ва пешгирии асолатбохтагӣ миёни олимону донишмандон (банди 15 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 13 | Бартараф намудани мушкилоти ҷобаҷогузории кадрҳо дар муассисаҳои илмии соҳаи маориф ва илм (банди 16 нақшаи ҳукуматӣ) | Сентябр | Раёсати илм ва инноватсия, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ |
| 14 | Ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта вобаста ба татбиқи натиҷабахши Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар соҳаи маориф ва илм (банди 19 нақшаи ҳукуматӣ) | Августи соли 2024 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ |
| 15 | Аз ҳисоби ғолибони озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» ва дигар озмунҳо интихоб кардан ва минбаъд аз ҳисоби онҳо тарбия намудану омода кардани кадрҳои илмӣ (банди 20 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 16 | Пурраву босифат иҷро намудани барномаҳои давлатӣ, истифодаи дурусту самараноки маблағҳои буҷетӣ ва грантҳои байналмилалӣ, бо ҷалби роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин соҳибкорону шахсони саховатпеша, падару модарон ва собиқ хатмкардаҳои муассисаҳои таълимӣ таъсис додани синфхонаҳои | Мунтазам | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, раёсати муносибатҳои байналмилалӣ, раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | амаливу таҷрибавӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (банди 21 нақшаи ҳукуматӣ) | | ҳисоботи молиявӣ, Маркази таҳлил ва ҳамоҳангсозӣ |
| 17 | Таъсиси синфхонаҳои иловагӣ, муассисаҳои томактабӣ ва муҳайё кардани шароити мусоиди таълиму тарбия, беҳтар кардани сифати машғулиятҳои озмоишгоҳиву амалии фанҳои табиӣ, риёзӣ ва техникӣ (банди 22 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати таҳсилоти томактабӣ, раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ |
| 18 | Ба талаботи замон мувофиқ намудани фаъолияти паркҳои технологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбии мамлакат, таъсис додани чунин паркҳо ва вобаста кардани онҳо ба корхонаҳои истеҳсолии алоҳидаи кишвар (банди 23 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 19 | Таъсиси комиссияи махсус ва таҳлили самаранокии хароҷоти маблағҳои аз ҳисоби муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар давоми даҳ соли охир барои паркҳои технологӣ ҷудогардида (банди 24 нақшаи ҳукуматӣ) | Июли соли 2024 | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ, раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 20 | Ба роҳ мондани интихоби дурусти мавзуъҳои илмию таҳқиқотӣ, алалхусус дар самти илмҳои табиӣ ва техникӣ (банди 25 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 21 | Ба таври ҳатмӣ ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои илмӣ (банди 26 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 22 | Таъсиси факултети технологияи химиявӣ ва металлургия дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон (банди 27 нақшаи ҳукуматӣ) | Июли соли 2024 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 23 | Таҳияи механизми дарёфт ва ба рушди иқтисодиёти мамлакат равона намудани натиҷаҳои коркардшудаи рисолаҳои илмӣ дар истеҳсолот (банди 28 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, раёсати илм ва инноватсия |
| 24 | Баланд бардоштани сатҳу сифати корҳои илмӣ, пешгирии хунукназарии шуроҳои диссертатсионии амалкунанда, муассисаҳои пешбари тақриздиҳанда, муқарризони расмӣ ва арзёбии дурусти диссертатсияҳои ҳимояшаванда (банди 29 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 25 | Ҳамкорӣ дар самти аз нав таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намудани Номгӯйи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди 30 нақшаи ҳукуматӣ) | Августи соли 2024 | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 26 | Андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои самарабахши илмӣ дар самтҳои ташаккули «энергияи сабз», ихтироъ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва зеҳни сунъӣ (банди 31 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 27 | Андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати ба роҳ мондани таҳқиқоти илмии ташаббусҳои Тоҷикистон марбут ба ҳалли масъалаҳои глобалии обу иқлим, зиёд намудани нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва муаррифии бештари Тоҷикистон ҳамчун кишвари сабз ва сайёҳии табиию табобатӣ дар арсаи байналмилалӣ (банди 32 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 28 | Андешидани чораҳои дахлдор ҷиҳати тақвияти фаъолияти Институтҳои илмию таҳқиқотии «Иқтисоди сабз», «Сайёҳӣ ва соҳибкорӣ» ва Маркази идораи | Семоҳаи сеюми соли 2024 | Раёсати илм ва инноватсия, Донишгоҳи байнамилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | лоиҳаҳои назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (банди 33 нақшаи ҳукуматӣ) | | |
| 29 | Таҳлили фаъолияти раёсату шуъбаҳои омода кардани кадрҳои илмӣ ва илмиву педагогӣ бо мақсади бознигарию тақвият бахшидани фаъолияти онҳо ва пешниҳод намудани таклифҳои асоснок ба Ҳукумати мамлакат (банди 34 нақшаи ҳукуматӣ) | Октябри соли 2024 | Раёсати илм ва инноватсия, шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ |
| 30 | Такмили механизми дурусту босамари сарбории таълимӣ ва илмии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (банди 35 нақшаи ҳукуматӣ) | Август-сентябри соли 2024 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, раёсати илм ва инноватсия, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 31 | Андешидани тадбирҳои иловагӣ барои ҷалбу ҳавасманд гардонидани олимони ҷавон, ташаккули мактабҳои илмӣ ва дастгирии олимони соҳаҳои табиӣ ва риёзӣ (банди 36 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 32 | Тақвият бахшидани раванди рушди илми донишгоҳӣ бо роҳи пурзӯр кардани механизмҳои назоратии он (банди 37 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 33 | Такмили пойгоҳи илмиву таҳқиқотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ дар самти рушди илм, баланд бардоштани мақоми илми донишгоҳӣ дар рейтингҳои байналмилалӣ (банди 38 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 34 | Таъмини татбиқи натиҷабахши Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 ва ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта (банди 40 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 35 | Мутобиқ ба манфиатҳои миллӣ, риояи принсипҳои дунявият, асосҳои сохти конститутсионӣ, таҳкими минбаъдаи сулҳу ваҳдати миллӣ ва ифтихори ватандорӣ анҷом додани корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таълифи асарҳои илмӣ (банди 41 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 36 | Бамаротиб беҳтар намудани таҳияи стандартҳои таълимиву фаннӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, омӯзиши масъалаҳои педагогикаи муосир, таҳлили нишондиҳандаҳои барномаву консепсияҳои давлатӣ, мониторинги сифати таҳсилот ва иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ (банди 42 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, шуъбаи сифати таҳсилот, раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ |
| 37 | Инъикоси ғояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ҳувиятсози халқамон дар китобҳои дарсии фанҳои ҷомеашиносиву гуманитарӣ, раванди таълим, ба роҳ мондани усулҳои фаъоли таълим, роҳҳои самараноки омӯзиши фанҳои табииву риёзӣ ва ташаккули зеҳни фаъоли хонандагону донишҷӯён (банди 43 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ, шуъбаи сифати таҳсилот, раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 38 | Ба роҳ мондани забономӯзӣ, касбомӯзӣ ва мутобиқ ба бозори меҳнати дохиливу берунӣ омода кардани ҷавонону калонсолон (банди 44 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 39 | Давра ба давра арзёбӣ намудани вазъи татбиқи лоиҳаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва аз натиҷаҳои илмии бадастомада пешниҳод намудани маълумоти мушаххас (банди 46 нақшаи ҳукуматӣ) | Октябр-декабри соли 2024 | Раёсати илм ва инноватсия, раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 40 | Ҷалби ҳарчи бештари ҷавонон ба илмомӯзӣ ва густариши тафаккури илмӣ миёни онҳо, инчунин фароҳам овардани шароити зарурӣ дар ин самт (банди 49 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия, раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 41 | Боло бурдани масъулияти омӯзгорони зинаҳои таҳсилот дар самти таъмини таҳсилоти босифат ва иҷрои бомасъулияти вазифаҳои пуршарафи омӯзгорӣ (банди 50 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, шуъбаи сифати таҳсилот |
| 42 | Такмили усули таълими фанҳои табиию риёзӣ ва ба ҳаёти воқеии хонанда тавъам карда омӯзонидани фанҳои мазкур ба хотири дарки зарурати омӯзиши ин фанҳо (банди 51 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ |
| 43 | Ҳарчи зудтар ба охир расонидани ҷараёни таъсиси синфхонаҳо ва озмоишгоҳҳои фаннӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (банди 52 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2024-2025 | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 44 | Баргузор намудани лагерҳои истироҳатӣ бо ҷалби ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва доир намудани мулоқоти олимони соҳаҳои мухталиф бо онҳо бо мақсади ташаккул додани дониш ва қобилиятҳои онҳо (банди 56 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, раёсати илм ва инноватсия, Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 45 | Ҷалб ва фаъол гардонидани олимону донишмандон дар самти посух гуфтан ба маводи муғризонае, ки вазъи воқеиро дигаргуна бозтоб менамоянд (банди 57 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, раёсати илм ва инноватсия, Маркази матбуот, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |